Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии 734055, хиёбони Борбад 48/5)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи "Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ**

Дар соҳаи кишоварзии кишвар яке аз масъалаи муҳими таъмини рушди босуботи кишоварзӣ рушди муносибатҳои иқтисодӣ оиди ташаккули муҳити мусоиди соҳибкории кишоварзӣ мебошад. Муҳимияти диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар он аст, ки ба таҳқиқи ҳамин масъала бахшида шудааст.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ муҳимияти мавзуи таҳқиқотиро дуруст шарҳ дода, мақсаду вазифаҳои гузошташуда, навгониҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳо як ҷузъи томро ташкил менамоянд.

Дар автореферат таъкид мешавад, ки соҳибкории кишоварзӣ дар таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар ва барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда, ба устувории вазъи иқтисодию молиявӣ дар кишвар замина мегузорад. Дар шароити равнақ ёфтани иқтисоди кишвар, рушди соҳибкории кишоварзӣ бо татбиқ ва истифодаи технологияи нав алоқаи ногусастанӣ дорад. Бинобар ин дар ҷаҳони муосир таъмини муҳити молиявии соҳибкории кишоварзӣ мавқеи хосро соҳиб шуда истодааст.

Автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ дар омӯзиши муқарраароти назариявӣ, методӣ ва амалии муҳити молиявии соҳибкорӣ вазифаҳои мушаххас гузошта, ҳалли онҳоро пурра таъмин намудааст. Вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ моҳияти назариявии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ таҳқиқ шуда, пешниҳоди нуқтаи назари муаллиф оварда шудааст.

Муаллиф дар кор исбот намудааст, ки вобаста ба таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои алоҳида барои такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон шароитҳои мувофиқ сохтан мумкин аст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар шароити муосир муҳити молиявии соҳибкории кишоварзӣ барои таъмини рушди иқтисодиёт ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар Тоҷикистон ба таҳким додан ниёз дорад. Дар автореферат роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкории кишоварзӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва дурнамои он, модели консептулии таҳия ва

иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Дар автореферат матритсаи пешниҳоднамудаи муаллиф доир ба таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкории кишоварзӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди инфрасохтори истеҳсолӣ мавқеи муҳим дорад.

Дар автореферати диссертатсия таъкид мешавад, ки дар рушди соҳибкории кишоварзӣ ҳанӯз баъзе масъалаҳои монеъшаванда ҷой доранд Вале агар муаллиф барои исботи фикри худ доир ба ҳалли масъалаҳои душворикунанда мисолҳои мушаххас меовард диссертатсия боз ҳам бой мегашт.

Вале ин камбудии зикргардида қиммати баланди илмӣ ва амалии кори дисертатсиониро кам намекунад.

Диссертатсияи илмии Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи “Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» таҳқиқоти илмии ба анҷом расондаи муаллиф мебошад, ки дорои ҷанбаҳои илмӣ ва амалии нави проблемаи таҳқиқшаванда аст. Вай ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ мувофиқи талаботи пешбининамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ сазовор мебошад.

**д.и.и., профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев, 63/3**
**Тел: 2340907, e-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам**
**Сардори ШК ва К** **Раҳматулло Нусратулло**